ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Саидов Ҳусен Аламуродович дар мавзӯи «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 – Технологияи маҳсулоти озуқа (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ)**

Диссертатсияи Саидов Ҳусен Аламуродович дар «Коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои табиии ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 – «Технологияи маҳсулоти озуқа» (6D072701 - Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) дар самти коркарди технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ бо истифодаи рангҳои ғизоии табиӣ иҷро гардидааст. Ин самт хеле муҳим аст, зеро қариб ҳама маҳсулоти хӯрокаи ҳозиразамон ранг карда мешавад. Барои ин рангҳои сунъӣ ё табиӣ истифода мешаванд. Аммо дар саноати хӯрокаи муосир новобаста бо як қатор хусусиятҳои рангҳои сунъӣ, ба монанди хосиятҳои беҳтари технологӣ ва арзиши паст, рангкунандаҳои табиӣ афзалият доранд. Як чанд омил боиси афзоиши майлу рағбати олимон ва мутахассисони соҳаи ғизогирӣ ва истеҳсоли хӯрока ба ин самт аст. Рангҳои табиӣ аз маводи растанӣ ё ҳайвонотӣ ҳосил карда мешаванд, ки оранизми инсон дар давоми ҳазорсолаҳо ба ин маводҳо мувофиқ мебошад. Ғайр аз моддаҳои ранкунанда дар таркиби рангҳои табиӣ моддаҳои дигари аз ҷиҳати биологӣ фаъол мевҷуд мебошанд, ки ба маҳсулоти тайёр хосиятҳои функсионалӣ мебахшанд. Инчунин, рушди соҳаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ васеъ намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда, ҷустуҷӯи манбаҳои нави ашёи ватаниро талаб мекунад.

Бинобар ин, таҳқиқҳо оид ба коркарди технологияи маҳсулоти хӯрока бо истифодаи ашёи ғайрианъанавӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои қайдшуда мусоидат менамояд, мубрам буда, аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Саидов Ҳ.А. ҳамчун объекти таҳқиқот моддаҳои рангкунандаи таркиби растаниҳое, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯянд, ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодиро бо истифодаи ин моддаҳо интихоб намудааст. Таҳқиқҳои гузаронида муқаррар намудани таркиби химиявӣ ва хосиятҳои технологии экстрактҳои рангкунанда, муайян намудани хосиятҳои биологии фаъол ва бехатарии онҳо, таъсири омилҳои гуногун ба устувории ранг, мукаммалгардонии технологияи истеҳсоли се намуд маҳсулоти қаннодӣ – карамели “Оби

Scanned with CamScanner

дандон", мармелад ва креми қаннодии "Шарлотт"-ро бо иловаи экстрактҳои рангкунандаи ҳосилкардашуда дар бар мегиранд.
Натиҷаҳои бадастомада имконияти истифодаи экстрактҳои ҳосилшударо исбот намуда, мақсаднок будани истифодаи ин ашёи ғайрианъанавиро дар технологияи маҳсулоти қаннодӣ тасдиқ мекунанд.

Диссертатсияи Саидов Ҳ.А. аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Таркиби химиявии муқарраршудаи экстрактҳо аз решаи санҷид, буттамеваи татум ва гули аббосӣ тавсифоти биохимиявии ин растаниҳоро фарохтар карда, фаъолнокии биологии онҳоро муайян мекунанд. Фаъолнокии биологии экстрактҳои таҳқиқшуда (хосияти зиддиоксидантӣ, зиддиилтиҳобӣ) экстрактҳои мазкурро на танҳо ҳамчун моддаи рангкунанда, инчунин ҳамчун маводи функсионалӣ барои баланд бардоштани қимати ғизоии маҳсулоти хӯрока тавсиф мекунанд.

Натиҷаҳои ҳосилшудаи таҳқиқот боваринок ва боэътимод мебошанд. Эътимоднокии кор бо истифодаи маҷмӯи усулҳои сенсорӣ, химиявӣ ва физикию химиявии таҳқиқ, мувофиқати натиҷаҳои муайян кардани нишондиҳандаҳо бо усулҳои гуногун, санҷиши натиҷаҳои бадастомада дар шароити истеҳсолӣ инчунин, бо нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маводҳои конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ таъмин карда шуд.

Дар автореферат баъзе норасогиҳо мушоҳида мешаванд:

1. Муаллиф интихоби растаниҳоро ҳамчун манбаи моддаҳои рангкунанда асоснок накардааст.
2. Дар автореферат таъсири муҳлати нигоҳдорӣ ба ранги экстрактҳо таҳқиқ карда шудааст, аммо таъсири ин омил ба ранги маҳсулоти тайёр нишон дода нашудааст.
3. Дар автореферат қайд шудааст, ки нишондодҳои микробиологии экстрактҳои рангкунанда санҷида шудааст, аммо ин нишондодҳо барои маҳсулолти тайёри рангкардашуда муайян нагардидаанд.
4. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мешаванд.

Аммо эродҳои қайдкардашуда тарафҳои мусбии диссертатсияро, аҳамияти илмӣ ва амалии онро паст намекунанд.
Аз рӯи мубрамияти мавзӯъ, эътимоднокии натиҷаҳо, апрообатсия ва татбиқи онҳо, ҳаҷм ва мундариҷаи диссертатсия Саидов Ҳусен Аламуродович ба ҳама талаботи Қомиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистион ҷавобгӯ буда, муаллифаш Саидов Ҳусен Аламуродович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D072700 – «Технологияи маҳсулоти озуқа» (6D072701 -Технологияи коркард, нигоҳдорӣ ва азнавкоркарди зироатҳои хӯшадор, лӯбиёӣ, маҳсулоти ярмагӣ, меваю сабзавот ва токпарварӣ) мбошад.

Scanned with CamScanner

Сардори Маркази ташхисии
Агентии «Тоҷикстандарт»,
номзади илмҳои кимиё, дотсент Абдурахмонзода А. Х.

«21» 04 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе к. Н. Карабаева 42/2
Тел: (+992 37) 233-68-69
Факс: (+992 37) 233-44-99
E-mail: info@standard.tj

Имзои А. Х. Абдурахмонзода – ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо Раҷабзода Меҳриниссо

«22» 04 соли 2025

Scanned with CamScanner